**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна ба таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки бори аввал дар диссертатсия хусусиятҳои лексикию семантикӣ ва этимологии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, роҳу воситаҳои сохтани истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ дар асоси маводи фаровони забони матбуоти муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Мубраммияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводи ВАО дар забоншиносии тоҷик ба омӯзиши дақиқ ва таҳқиқоти монографӣ ниёз дорад ва он метавонад ба масъалаҳои баҳсноки истилоҳсозӣ ва истилоҳнигорӣ равшанӣ андозад. Инчунин омӯзиш ва баррасии вижагиҳои забони васоити ахбори омма ҳамчун инъикоскунандаи вазъи кунунии забони адабии тоҷикӣ ба мо имкон медиҳад, ки аз таҳаввулоти сохториву маъноӣ ва дастурии забони адабӣ, аз ҷумла истилоҳоти тиббӣ огоҳ бошем. Дар рисола хусусиятҳои гуногуни истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, роҳу воситаҳои калимасозӣ ва муайян намудани мавқеи воситаҳои истилоҳсозӣ дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба риштаи таҳқиқ кашидани роҳҳои сохта шудани истилоҳоти

тиббӣ, накши вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ташкили истилоҳоти тиббии миллӣ аз масоили дигари таҳқиқшаванда дар кори диссертатсионии Шодиматова Малика Каримбердиевна мебошад. Дар ин замина унвонҷӯй мавқеъ, корбурд, густариш ва гардишпазирии истилоҳоти тиббиро арзёбӣ карда, ҷойгоҳи истилоҳоти тиббиро дар забони ВАО ҳамчун инъикосгари забони адабӣ муайян намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои мазкур кори муҳим ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки ин таҳқиқот дар самти таҳлили истилоҳоти тиббии забони воситаҳои ахбори омма пажуҳиши аввалин буда, қаблан таҳлили истилоҳоти тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории забони матбуот мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Таҳлили маводҳои фаровон барои муайян кардани роҳу воситаҳои калимасозӣ ва семантикаи ташаккули истилоҳоти тиббӣ, омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти бахши тиб мусоидат намудаанд. Инчунин дар рисола таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуот бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар ҷараёни таълифи рисола хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ ва қолабҳои асосии калимасозии давраи қадим ва баъзе воситаҳои калимасозии имрӯза муайян карда шудаанд.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд ҳамчун замина ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти илмӣ истифода шаванд. Инчунин маводҳои ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума мусоидат намуда, бахусус ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавии тиббӣ, муҳовараҳои дузабонаи тиббӣ маводи муҳим мебошанд. Хулосаҳои илмии таҳқиқот барои дарки дурусти истилоҳот, бартараф намудани баъзе ғалатҳои истифодаи истилоҳоти тиббӣ ва ислоҳи тарҷумаҳои носаҳеҳ имконият медиҳанд.

Натиҷаҳои илмии рисоларо барои таҳияи китобҳои дарсӣ,

дастурҳои таълимӣ-методӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба назария ва амалияи тарҷума барои тайёр намудани мутахассисони бахши тарҷумонӣ ва рӯзноманигорони соҳавии бахши тиб аҳаммияти зиёд дорад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 11 мақола, аз ҷумла 3 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва

арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Шодиматова Малика Каримбердиевна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия бо Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Моҳира Мадиброҳимовна Мирзоева

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Султон Ҳасан Баротзода

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Нурхон Гадоев

«19» апрели соли 2025.